Хулосаи

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамияти рисолаи илмии пешниҳодшуда аз он иборат аст, ки роҳи нави кори таҳқиқотиро дар самти рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат пешниҳод намуда, ҷаҳонбинии илмии хонандагонро рушд медиҳад. Маводи диссертатсия ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди зеҳнии хонандагони болаёқат дар асоси педагогикаи иҷтимоӣ истифода намуд. Илова бар ин, ҳангоми коркарди воситаи ташхисӣ имконияти истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ ва муайян намудани мавҷудияти сатҳи рушди зеҳнии хонандагони болаёқат, эҷоди тасвияҳои истифодаи амсилаи самаранок дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат пайдо мегардад. Усулҳои инноватсионии ташкили дарсҳои иловагӣ бо назардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии хонандагон пешниҳод шуда, вобастагии раванди ташаккули донишу маҳорат ва қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ аз сатҳи тахассусмандӣ ва худомӯзии омӯзгорон ошкор мегардад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 22.05.2023, №11).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсия интихоби усулҳои инноватсионии ташкили дарсҳои иловагӣ бо назардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии

хонандагон имкон медиҳад, ки робитаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмуну муҳтаво, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян ва муқаррар карда шавад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ метавонад дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон таҳия ва амалӣ гардад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла ба банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ; фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 - Татбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; тарҳрезӣ, пешгӯӣ, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 — Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондихандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ; назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқарраротии диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафаровичро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии Данғара**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

**- Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

**- Назарзода Рустам Саидмурод** – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

27.06.2023

*Имзои Каримзода М.Б., Котибова Ш.П., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.